# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
________ с.2019 №___
тасдиқ карда шудааст

**Махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои Шумо кафолат дода мешавад**

## Дастурамал

## Дар бораи тартиб додани ҳисоботи омори шакли 1 – саноат (соҳибкори инфиродӣ) «Ҳисобот оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноати аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ»

### I. Нишондодҳои умумӣ

Ҳисоботро шахсони воқеӣ, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунанд ва ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ машғуланд, новобаста аз шакли моликияташон, тартиб дода ба мақомоти омори маҳаллии ҷойгирифтаи субъекти истеҳсолӣ пешниҳод менамоянд.

Дар қисмати суроғавӣ номи субъекти истеҳсолӣ, суроғаи қабулкунанда ва шакли моликият аз рӯи ҳуҷҷатҳои бақайдгирифташуда нишон дода мешавад. Дар сатри «Ба кӣ пешниҳод карда мешавад» номи пурраи мақомоти оморе, ки ҳисоботи мазкурро қабул менамояд, бо нишон додани суроғаи мақомоти омори қабулкунанда, бояд навишта шавад. Субъектҳои ҳисоботсупоранда дар хотир доранд, ки ҳисоботи пешниҳодкардаи онҳо бояд бурро, хоно пур карда шавад то ин, ки ҳангоми коркарди мошинӣ маълумот дуруст ворид карда шавад.

Мақсад аз ҷой додани катакҳои «Рамзҳо» дар он аст, ки баъд аз ҷамъоварӣ намудани ҳисоботи оморӣ, маълумотҳои дохили он коркарди мошинӣ карда мешавад. Бе нишон додани ин рамзҳо Барномаҳои махсуси коркарди ҳисоботҳои оморӣ маълумотҳои пешниҳоднамударо қабул карда наметавонад. Аз ин лиҳоз дуруст пур кардани ин рамзҳо хеле муҳим мебошад.

Мутобиқи низоми ягонаи синфбандӣ ва рамзгузории маълумотҳои техникӣ – иттилоотӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як субъект ҳангоми аз қайди давлатӣ гузаштан, рамзгузорӣ карда мешаванд.

Дар ҷумҳурии мо ҳамаи субъектҳо (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал намояндагиҳои шахсони хориҷӣ) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқӯқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар низоми «Равзанаи ягона»-и мақомоти андоз бақайд гирифта мешаванд.

Рамзҳои оморӣ дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудаанд;

Тартиби дурусти пур кардани катакҳои рамзҳоро пешкаши шумо менамоем.

Катаки 1-ум рамзи « ТУҲИ – аз рӯи Таснифоти умумии ҳуҷҷатгузории идоравӣ» пур карда мешавад.

Дар катаки 2-юм «РЯМ – аз рӯи Рақами ягонаи мушаххаси корхонаю ташкилотҳо» пур карда мешавад. РЯМ – даҳрақама мебошад, яъне ҳангоми навиштани он бояд 10 рақам баинобат гирифта шавад.

Дар катаки 3-юм рамзи «РУКТ – аз рӯи Рамзи умумии корхонаю ташкилотҳо» пур карда мешавад. РУКТ (ё ин ки дар «Иқтибос» - ТУКТ) – ҳаштрақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 8 рақам навишта шавад.

Дар катаки 4-ум рамзи «ТУНФИ (ё ин ки дар «Иқтибос» -КНФИ) – аз рӯи Таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодӣ» пур карда мешавад. ТУНФИ (ё КНФИ) – аз ҳарфи лотинӣ ва панҷ рақам иборат мебошад, яъне он бояд ҳатмӣ ҳарфи лотинӣ ва на зиёду на кам аз 5 рақам навишта шавад.

Дар катаки 5-ум рамзи «ТУТОМҲ – аз рӯи Таснифоти умумимиллии тақсимоти объектҳои маъмурию ҳудудӣ» пур карда мешавад. ТУТОМҲ ҳафтрақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 7 рақам навишта шавад.

Дар катаки 6-ум рамзи «ТУМҲДИ – аз рӯи Таснифоти умумимиллии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора» пур карда мешавад. ТУМҲДИ – чоррақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 4 рақам навишта шавад.

Дар катаки 7-ум рамзи «ТШМ – аз рӯи Таснифоти шакли моликият» пур карда мешавад. ТШМ – серақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 3 рақам навишта шавад.

Дар катаки 8-ум рамзи «ТШТҲ – аз рӯи Таснифоти шакли ташкилию-ҳуқуқӣ» пур карда мешавад. Барои субъектҳои соҳаи саноат ТШТҲ – серақама ё чоррақама метавонад шавад.

Ин рамзҳо дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудаанд.

## Фасли 1. Нишондоди иқтисодӣ

Шаклҳои ҳисоботи омории давлатӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар асоси маълумотҳои муътамадӣ ба ҳисобгирии аввалия (борхатҳо ба маҳсулоти тайёр, акти аз нав барӯйхатгирии истеҳсолоти нотамом ва ғайра) пур карда мешавад.

Шахсони воқеӣ барои саривақтӣ ва мӯътамад будани маълумотҳое, ки аз рӯи шаклҳои ҳисоботи омории давлатӣ пешниҳод мешаванд, ҷавобгар мебошанд. Дар варақаҳои шаклҳо бо тартиби хатми санаи фиристодани ҳисобот ва имзои роҳбар бояд нишон дода шавад.

Ҳангоми пур кардани ҳамаи фаслҳои ҳисобот талаботи асосӣ инҳо мебошанд:

- мӯътамадии маълумотҳо;
- пурра пур кардани ҳисоботҳо;
- муқоисаи пурраи маълумотҳои ҳисоботи соли ҷори нисбат ба маълумотҳои ҳисоботи ҳамин давраи соли гузашта.

Дар ҳисоботҳои оморӣ маълумотҳо дар мӯҳлати муқарраргардидаи вақту давраи тақвимии ҳисобот ба таври қатъи оварда мешаванд. Масалан, маълумотҳои моҳи ҳисобот дар давраи аз аввал то охири рӯзи моҳи ҳисобот тартиб дода мешаванд.

Барои дурустии маълумотҳо ва риояи муҳлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари субъекти истеҳсолӣ хисоботдиҳанда масъул мебошад.

Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ умуман ва аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ҳамчун маҷмӯи маълумотҳо дар бораи ҳаҷми махсулоти саноатӣ, кор ва хизматрасонии хусусияти саноатидошта, ки шахсони воқеӣ, новобаста аз шакли моликият, истеҳсол мекунанд, муайян карда мешавад.

Ба таркиби ҳаҷми махсулот (бо нархҳои фурӯши ҷорӣ ва муқоисашандаи корхона) дар давраи ҳисобот арзиши молҳои зерин дохил мешавад:

- маҳсулоте, ки барои (фурӯш) пешбинӣ шудаанд;
- молҳое, ки барои коркарди минбаъда пешбинӣ шудаанд;
- кору хизматеҳое, ки хусусияти саноатӣ доранд.

Ба ҳаҷми маҳсулоти саноати дохил карда намешаванд:

- Корҳои таъмир ва хизматрасонии техникӣ таҷҳизоти худӣ, инчунин хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои идора ва муҳосибавӣ, мошинҳои ҳисоббарорӣ, системаҳои ҳисоббарорӣ (хизматрасонӣ аз рӯи намудани фаъолияти «Хизматрасонии техникӣ ва мошинҳои идора ва техникаи ҳисоббарор» ба ҳисоб гирифта мешавад);

- Хизматрасонии техникӣ, таъмир ва дигаргун кардани автомобилҳо, таъмир ва иваз намудани чарххҳои резинии сурохшуда (дар хизматрасониҳо аз рӯи намудани фаъолияти «Хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобилҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад);

- Таъмири асбобҳои шахсӣ ва асбобҳои баркӣ истифодаи хонагӣ радио, телевизорҳо, магнитофонҳо, мошинаҳои ҷомашӯи, яхдонҳо, чангкашакҳо ва ғайра; чатрҳо, пойафзол; маснуот аз чарм (ҷузъдонҳо, чомадонҳо); қолинҳо; либосҳо; соатҳо ва дигарҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти «Таъмири маснуоти истифодаи шахсӣ ва хонагӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

- Таъмир ва таҷдиди мебелҳо, маснуоти заргарӣ, пойафзол, қолинҳо ва дигар маснуоти шахсӣ ва истифодаи хонагӣ ба фаъолияти саноатие таааллуқ доранд, ки таъмирашон якҷоя бо тайёр кардани маснуот анҷом дода шавад.

- Арзиши маснуот, маҳсулоти нимтайёр ва корҳои дорои хусусияти саноатӣ, ки ба меъёрҳои дахлдор, шартҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ мувофиқат намекунанд.

- Арзиши хариду фурӯши маҳсулоти харидашуда, маҳсулоти нимтайёр ва маснуоте, ки ба берун аз корхонаи мазкур бе коркард ё аз нав коркард бароварда шудаанд (ҳатто, агар пеш аз фурӯш сифати маҳсулот тафтиш ҳам шавад, ҷо ба ҷо, бастабандӣ ва ба навъҳо ҷудо карда шуда бошанд ва дигар амалиёт ҳам анҷом додашуда бошад).

- Арзиши партовҳои истеҳсолот, ки бақияи ашёи хоми аввалия (параха, буридаҳо ва ғайраҳо)-ро ифода мекунанд, инчунин латтапораҳои баркашида, нукҳо ва ғ. Агар партовҳо фурӯхта шаванд ва дар айни замон пешаки шуста, ба навъҳо ҷудо карда, бастабандӣ карда, барои фурӯш тайёр карда мешаванд, он гоҳ ба ҳаҷми маҳсулоти корхона танҳо арзиши корҳои омодасозии партовҳо барои фурӯш дохил карда мешавад, ба шарте, ки ин корҳо бо қувваи коргарони саноати-истеҳсолии корхона иҷро карда мешаванд.

- Арзиши таъмири кафолатдиҳандаи маҳсулоти истеҳсоли худи, инчунин арзиши қисмҳои эҳтиётии истеҳсоли худӣ, ки ба устохонаҳо барои истеҳсоли таъмири кафолатноки маснуот, хориҷ карда шуданду корхонаи мазкур истеҳсол кардааст.

- Арзиши корҳои хусусияти эҷодидошта (офаридани расмҳои аслӣ аз тарафи рассомон, ҳайкалтарошӣ, варақаҳои графика ва ғайра), инчунин ҳамаи намудҳои корҳои бадеӣ-ороишгарӣ (лоиҳаҳои ороишгарӣ ва ороиши осорхонаҳо, витринаҳо, лавҳаҳо, таблиғот ва рекламаҳо дигар корҳои иҷроишӣ).

- Арзиши корҳое, ки барои берун ва барои эҳтиёҷоти дохили шӯъбаҳои хоҷагидорӣ, барои дигар шӯъбаҳои ғайриистеҳсолии корхона иҷро карда мешаванд.

- Арзиши чӯбҳои тагсарии кардашуда, ки барои ҷо ба ҷо кардани маснуоти оҳану бетони истеҳсоли худӣ ҳангоми ҳамлу нақли онҳо истифода мешаванд.

Ба ҳаҷми маҳсулоти (кору хизмати) ба фурӯш баровардашуда маҳсулоти истеҳсоли худӣ, ки дар давраи ҳисобот амалан ба истеъмолкунандаҳо (аз ҷумла маҳсулоти аз рӯи акт ба фармоишгар дар ҷояш супурда шудааст), кору хизмати иҷро кардашуда, ки фармоишгар қабул кардааст, новобаста аз он ки ба суратҳисоби корхона пул ворид шудааст ё не ҳамроҳ карда мешавад.

Лаҳзаи бор карда баровардан, санаи ҳуҷҷате, ки амалан қабули борро ба ҳамлу нақли нақлиёти ташкилотӣ ё санаи акти супоридашуда дар ҷояш тасдиқ менамояд, ба ҳисоб гирифта мешавад

Ба ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда чунин арзишҳо дохил карда мешаванд:

а) Маҳсулоти тайёре, ки ҳамаи қисматҳои коргоҳ (чӣ аз ашёи хом ва маводи худ, чӣ аз ашёи хом ва маводи фармоишгар) истеҳсол кардаанд ва дар давраи ҳисобот ба берун, ба сохтмони асосӣ ва ба қисматҳои ғайрисаноатии худ, ки ба таркиби фондҳои асосии худӣ (воситаҳо) ба ҳисоб гирифта шудаанд, инчунин ба кормандони худ ба ҳисоби музди меҳнат дода шудаанд;

б) Кору (хизмати) хусусияти саноатӣ дошта, ки бо фармоиши берун барои сохтмони асосии худ ё кисматҳои ғайрисаноатии худ иҷро карда шудаанду дар давраи ҳисобот ба фармоишгар супурда шудаанд.

в) Маҳсулоти нимтайёри истеҳсоли худӣ, ки дар давраи ҳисобот ба берун, ба сохтмони асосии худ, ба қисматҳои ғайрисаноатии худ боркарда баровarда (дода) шудаанд.

Аз рӯи ҳаҷм маҳсулоти боркарда баровардашуда аз ҳаҷми маҳсулоти (кору хизмат) дар бузургии тағйироти боқимондаҳои маснуоти тайёр дар анбори истеҳсолкунандаи маҳсулот фарқ мекунад.

Дар мавқеи «боқимондаҳои маҳсулоти тайёри истеҳсоли худӣ, ки дар анборҳо дар охири давраи ҳисобот мавҷуданд» боқимондаи маснуоти истеҳсолашон пурра анҷомёфта, пурра маҷмӯъ кардашуда, ки аз санҷиш гузаштаанду ба шартҳо ва меъёрҳо (стандартҳо) мувофиқат мекунанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Маҳсулоте, ки ба талаботи нишон додашуда ҷавобгӯ нестанд ва ба корҳои доданашудаи хусусияти саноатӣ мувофиқат намекунанд, мувофиқи истеҳсолоти нотамом нишон дода мешаванд.

**Фасли 2. Истеҳсоли намудҳои муҳимтарини маҳсулот**

Истеҳсоли маҳсулот дар мафҳуми асл (натуралӣ) дар ҳаҷми пурра якҷоя бо маълумотҳо дар бораи маҳсулоти истеҳсолшуда, ки аз ашёи хоми фармоишгар истеҳсол карда шудааст, инъикос меёбад.

Маълумотҳо дар бораи истеҳсолӣ маҳсулот дар мафҳуми асл бояд дар ҳисобот сарфи назар аз он ки бо кадом нархҳо ва коргоҳҳои истеҳсоли маҳсулотро истеҳсол кардаанд оварда шаванд: дар асосӣ, ёрирасон (ашёи коркарди дубора) ё ёвар.

Дар ҳисобот маълумотҳо дар бораи истеҳсоли маснуоте, ки ҳамчун аз ашёи хоми аслӣ, чӣ аз партовҳо, чӣ аз маводи корхона, чӣ аз ашёи хом ва маводи фармоишгар истеҳсол карда шудаанд, оварда мешаванд.

<u>Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нушокиҳо.</u>

1. Ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) ба нархҳои муқоисавӣ, ҷории амалкунандаи коргоҳҳо арзиши намудҳои зерини махсулоти истеҳсолоти дахлдор, барои коркарди минбаъда аз сех ба сехи дохили ҳамон корхона ё аз як қисмати сохторӣ ба дигар қисмати сохтории дохили иттиҳодия (арзиши иловагии маснуоти тайёр, ки барои истеҳсоли ин маҳсулот сарф карда шудаанд) дода шудаанд, агар ба якдигар супурдан ё додан аз рӯи нархҳои хориҷшаванда (на бо нархҳои арзиши аслӣ) анҷом дода шаванд:

- маҳсулоти сехҳои қассобӣ – гӯшттақсимкунии коргоҳҳои истеҳсоли гӯшт;

- гӯшт (аз ҷумла гӯшти мурғ), каллапоча, чорбуи хом, чарбуи доғ кардашуда, рӯдаю шикамба барои истеҳсоли маҳсулоти калбаса, консерваҳо, самбусаҳо, нимтайёри гӯштин, маснуоти ошпазӣ ва гӯшт барои таҳияи блокҳои гӯштин, агар ин блокҳои гӯштин дар берун савдо шаванда ё аз як қисмати сохторӣ ба дигар қисмати сохтории ҳамон иттиҳодия дода шаванд:

- таркиботи «Лимонад» ва шарбатҳои ситрусӣ барои истеҳсоли нушокиҳои беспирт;

- ангидриди карбон барои истеҳсоли нӯшокиҳои беспирт, пиво, обҳои маъданӣ

- консентрати хамираи квас барои истеҳсоли кваси нонӣ;

- сабус барои истеҳсоли еми чорво дар иттиҳодияҳои хӯроки чорво;

- консентрати карбомид барои истеҳсоли ему хӯроки чорво ва иловаи сафедаю витамин дар корхонаҳо;

- маҳсулоти аз меваю сабзавот истеҳсолшуда (сукатҳо, пӯстҳои шакарпарварди, мева, масс, лимӯ, харбуза), (шарбати меваю буттамева, мева ва буттамеваҳои ҷӯшонидашуда, шира[ои меваю буттамева ва ғайраҳо) барои истеҳсоли маснуоти қаннодӣ ва консерваҳои меваю сабзавот.

- шаробҳои тайёри ангурӣ ва меваи буттамева, конякҳо, машруботи дараҷаашон баланд аз ангуру мева ва спирти нӯшокӣ (хӯрданӣ), ки дар шишаҳо ва баллонҳо ё бочкаҳо ғунҷонида мешаванд, шарбати ангур ва себ дар бутилкаҳои шиша ё балонҳо, шалтан, сиркаи ангур ва ошхона, шароб – кислотаи силикат;

- маводҳои шампан, коняк ва шароб (вино), ки аз маводи ангур ва меваю буттамева, маводи спирту вино ва сулфитонидашудаи шарбатҳои меваю буттамева кор кардашуда, конякҳо ва машруботи дараҷаашон баланди кор кардашуда, спиртҳои коняк ва мевагӣ, ки ба хориҷи корхона, иттиҳодияи истеҳсолӣ бароварда шудаанд.

Ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) арзиши тоқатҳои истеҳсоли худӣ, ки барои қоғазпеч кардани орд, ярма, қанд ва дигар маҳсулот (изофа аз нархҳои ҷорӣ барои маҳсулоти тайёр ва изофагӣ бо ин маҳсулот барои қоғазпеч кардан) истифода мешаванд, ҳамроҳ карда намешаванд.

Дар саноати гӯшт бо ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) ба нархҳои муқоисавӣ ва ҷории корхона арзиши гӯшти истеҳсол кардашуда дар тарози ҷуфт, яъне аз рӯи вазн дар мавриди аз сехи ҳисобӣ ба сехи тақсимот супурдан, аз сехи тақсимот ба амбори фурӯш, ба яхдон ё ба дигар сех супурдан ҳамроҳ карда мешавад.

Ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ маълумот дар бораи гӯшти гирифташуда аз куштани чорво ва мурғ танҳо дар коргоҳҳои саноатӣ (дар ҳиссобхонаҳо ё дар майдонча ё ҷоҷагиҳои қассобии махсус таҷҷизонидашуда) ҳамроҳ карда мешавад. Дар тахти мафҳуми корхонаи саноати қассобӣ ё майдончаи кӯшиши чорво, бинои истеҳсоли таҷҳизонидашудаи ҷудокардашуда фаҳмида мешавад, ки барои иҷро намудани амалиёти истеҳсолӣ оид ба кӯшиши чорво ва мурғ, майда кардан ва ҷамъ кардани гӯшт бо дастгоҳҳои дахлдор муҷаҷаз карда шудааст, пеш аз қассобӣ муоинаи покизагии байторӣ барои санҷиши минбаъдаи гӯшт, ҳамчунин баҳисобгирии масраф ва истеҳсоли гӯшт ба амал бароварда мешавад.

Хоҷагие, ки коргоҳи махсус таҷҷҳизонидашуда ва майдончаи қассобӣ оид ба куштани чорво ва мурғ надошта бошад, ба фаъолияти саноатии миқдори гӯшт, ки аз куштани чорво ва мурғ дар бинои махсус таҷҳизонидашуда ва дигар майдончаҳои корхонаи кишоварзӣ (бе шароити мусоид) гирифта шудааст дохил карда мешавад.

Ба маҳсулоти ширӣ танҳо истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ки аз коркарди саноатӣ (хунук кардан, тасфия (филтр) кардан, стерилизатсия ё пастеризатсия) гузаштааст, дохил карда мешавад.

Ба маълумотҳо дар бораи истеҳсоли саноатии маҳсулоти ширӣ шире, ки барои макондани гусола ё барои фурӯш дар бозорҳо бе коркарди саноатӣ истифода шудаанд, дохил карда намешавад.

Консерваҳо дар ҳамин вақте ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки стерилизатсия ва хунук карда шуда бошанд, агар онҳо пурра ба меъёрҳои (стандартҳои) амалкунанда мутобиқат кунанд ва бо шартҳои техникӣ тасдиқ шуда бошанду ба анборхонаҳои маҳсулти тайёр бо тамға ва бе тамға супурда шуда бошанд. Дар маълумотҳои ҳисобот оид ба маҳсулот

консервахои тайёр, ки дар давраи ҳисобот бо тарҳи дар ин давра истиқоти ошкоршуда истеҳсол карда шудаанд, дохил карда мешаванд.

Истеҳсолоти насоҷҷӣ.

Ба нахи пахта пахтаи тоза ва наддофӣ кардашуда (аз ҷумла нахи наддофӣ ва дигар партовҳои пахта), ки дар мавриди тоза ва наддофӣ ғиозҳои пахта ҷудо шудаанд, новобоста аз таҳияи он барои калоба ҳамроҳ карда мешавад.

Нахи пашми тоза ва наддофӣ кардашуда, ки барои фурӯши чакана бастабандӣ ё тоза карда шудааст, ба нахи пашми аз маҳин ва доғали дастгоҳи қалобарасӣ ё шонакардашуда ҳамроҳ карда мешавад.

Калобаи ҳамаи намудҳо ба ҳаҷми маҳсулот (аз рӯи санҷиши вазни кондитсионӣ) дар ҳамон ҳолате ҳамроҳ карда мешавад, ки агар вай барои фурӯши чакана таъин шуда бошад.

Ба маснуоти кашбофии мошинӣ ё даст бофӣ гурӯҳҳои зерин дохил карда мешаванд:

- маснуоти ҷуробу пайпоқ (колготиҷо, чолвор, эзор, поҷомаҳои занона, пайпоқҳо ва дигар маснуоти ҷуробӣ) кашбофии занона ва дастбоф;
- свитерҳо, ҷемперҳо, пироҳанҳои кашбофӣ, яктакҳои кашбофӣ, камзулчаҳо ва ба ҳамин монанд маснуот кашбофии мошинӣ ва дастбоф;

Ба ҳаҷми маҳсулот ба нархҳои муқоисавӣ амалкунанда арзиши намудҳои зерини хизматрасонӣ оид ба рангубори маснуоти насоҷҷӣ ҳамроҳ карда мешавад:

- хизмат оид ба рангмолии наҷу калоба;
- хизмат оид ба сафедкорӣ ва рангу бори матоъҳо;
- хизмат оид ба гулзании матоъҳо, ҳамчунин гулдузӣ кардани маснуи харида ё гулдузии маснуот мувофиқи фармоиши беруна.

Арзиши тағйироти бақияи партовҳо ва риштаҳои хом дар коргоҳҳои саноатӣ пашм ба ҳаҷми маҳсулот ҳамроҳ карда намешаванд.

Истеҳсолоти дузандагӣ.

Дар истеҳсолоти либосҳо намудҳои гуногуни либосҳои мардона, занона, корӣ ва болопӯш, либосҳои зӯрпироҳанӣ, либосҳои кӯдакони синамак, лавозимоту асбобу анҷоми хос ва қисмҳои либосҳо аз маводи гуногун: дӯхтаю бофта, нодӯхтаю нобофта, чармин ва кашбофӣ дохил карда мешаванд.

Ба «либосҳои кӯдакон ва лавозимоти онҳо» либосҳои кӯдакони қадашон аз назиёда 86 см ва синни то 18 моҳа, инчунин плёнкаҳои кӯдакона ва дигар лавозимот тааллуқ доранд.

Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ.

- Ба ҳаҷми маҳсулот бо ифодаи арзиши коргоҳҳое, ки хишт, блокҳои калон ва лавҳаҳои виброҷиштӣ аз хишти тайёркардаи худашон истеҳсол мекунанд, арзиши блокҳои хиштӣ ва лавҳаҳои виброҷиштии тайёр кардашуда, ҳамчунин арзиши хиштӣ ба дигар тараф хориҷкарда ҳамроҳ карда мешавад. Арзиши хиштӣ барои истеҳсоли блокҳо ва лавҳаҳо масрафшуда, ба ҳаҷми маҳсулот дохил карда намешавад.
- Коргоҳҳое, ки блокҳои калон ва лавҳаҳои виброхиштӣ аз хишт истеҳсол мекунанд ва аз дигар тараф гирифта шудаанд, ба таркиби ҳаҷми маҳсулот бо ифодаи арзиши пурраи блокҳо ва лавҳаҳои тайёр кардашуда ҳамроҳ карда мешаванд.
- Коргоҳҳое, ки хишт, блок ва лавҳаҳои виброхиштӣ истеҳсол мекунанд, ба истеҳсоли хишт бо ифодаи натуралӣ ҳамаи миқдори хишти истеҳсол кардашуда, сарфи назар аз он ки вай барои истеҳсоли блокҳои хиштӣ, лавҳаҳои виброхишт ё барои хориҷ кардан ба дигар тараф таин шудаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

Раёсати омори саноат ва
инвеститсия дар сохтмон